# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32 – Геоэкология пешниҳод шудааст

Мавзуи диссертатсияи мазкур хеле муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад. Дар шароити рушди босуръати соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок, махсусан ангишт, масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, омӯзиши таъсири техногенӣ ва арзёбии устувории минтақаҳои кӯҳӣ аҳаммияти махсус касб менамоянд.

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф доир ба омӯзиши хусусиятҳои геоэкологии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор корҳои назарраси илмӣ анҷом додааст. Дар таҳқиқот омилҳои табиӣ ва техногенӣ, равандҳои геоморфологӣ, геоэкологӣ ва хавфҳои геологӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф масъалаҳоро ба таври комплексӣ баррасӣ намуда, харитаҳои геоэкологӣ тартиб дода, вобастагии равандҳои хатарноки табииро бо фаъолияти истихроҷи ангишт нишон додааст. Ҳамчунин, тавсияҳои амалии пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми банақшагирии чорабиниҳои экологӣ ва пешгирии хавфҳои геологӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, метавонанд барои мақомоти соҳавӣ, ташкилотҳои экологӣ ва корхонаҳои саноати кӯҳӣ муфид бошанд.

Дар автореферат, инчунин, якчанд хатогиҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки онҳо сифати авторефератро паст наменамоянд.

Умуман, диссертатсияи Кароматуллои Юсуф кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32 – Геоэкология мебошад.

Роҳбари гуруҳи
технологияҳои геоиттилоотӣ,
ва зондкунии дистансионии
Институти геология,
сохтмони ба заминҷунбӣ
тобовар ва сейсмологияи АМИТ,
номзади илмҳои геология ва минерология Файзуллоев Ш.А.
"29" 05 соли 2026

Имзои Файзуллоев Ш.А.-ро
Тасдиқ мекунам:
Нозир оид ба кадрҳои
Институти геология,
сохтмони ба заминҷунбӣ
тобовар ва сейсмологияи АМИТ Сайдалиева М.М.

"29" 05 соли 2026